Чанде пеш вохӯрии намояндагони макомоти ичроияи хокимияти давлатии нохияи Шохмансур бо афсарону сарбозони Полки таъминотӣ ва идоракунии Вазоарти мудофиа ташкилу ба рох монда шуд. Зимни вохӯрӣ масъулин мехмононро ба ин мактаби мардонагӣ хушомад намуда, тарбияи насли чавони кишвар дар рӯхияи ватандӯстиро вазифаи мухими хар як фарди чомеа арзёбӣ намуданд. Сипас, намояндагони макомоти ичроияи хокимияти давлатӣ дар ин нохияи пойтахт, зимни баромади худ дар назди хизматчиёни харбӣ аз дастовардхои 26-соли сохибистиклолии  чумхурӣ ёдоварӣ намуда, ба ин муносибат хамаи хайати шахсиро шодбош гуфтанд. Ва зимнан таъкид карданд, ки чавонони ватанро зарур аст дар хама холат бахри мухофизати ин сарзамин ва хар як порча хоки он омода бошанд.

Ин гуна вохӯрихо аз чониби масъулини сохтору идорахои алохида пайваста бо чалби хизматчиёни харбии Артиши миллии мамлакат ташкилу гузаронида шуда, максад аз он пеш аз хама баланд бардоштани рӯхияи харбӣ - ватандӯстии хайати шахсӣ мебошад. Зеро рӯхияи баланди хизматӣ асоси омодагӣ дар мухофизат ва мудофиаи халку ватан мебошад.   Дар фарчоми чорабинӣ суруду мусикихои ватандӯстонаи сарбозон таъби мехмонон ва хамхизматонашонро болида гардонид.